# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Дар амал татбиқ намудани ду ҳадафи стратегии мамлакат; таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар бе рушди соҳаи кишоварзӣ аз он ҷумла бахши боғу токпарварӣ масъалаи мубрами рӯз аст. Солҳои охир талабот ба меваю ангур, ки дорои хусусияти шифоӣ ва ғизоӣ бой мебошанд зиёд мешавад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ин ба вуҷуд овардани навъҳои нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукаммалгардонии технологияи бунёди боғҳо бо тарзи замонавӣ мебошад. Аҳамияти ғизоию шифоӣ ва иқтисодии хурмои шарқӣро, ки як қисмати минтақаҳои боғдории ҷумҳурӣ барои парвариши ин мева мувофиқ аст, ба назар гирифта мавзуи тадқиқотиро таҳрези намуда, иҷро намудем.

Раҳматов Сулаймон Ҳасанович соли 1993 ба факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2014 бо ихтисоси олим агроном хатм намуд.

Раҳматов Сулаймон Ҳасанович соли 2015 ба ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ ба ҳайси унвонҷӯ дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст.

Раҳматов Сулаймон Ҳасанович баъд аз хатми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз соли 1998 то 2003 дар совхози Қалъаи дашти ноҳияи Файзобод ба ҳайси агроном фаъолият намуда, аз соли 2004 то 2014 роҳбари хоҷагии иҷоракории “Қалъаи дашт”, аз соли 2015- 2016 ходими калонии илмии шуъбаи мевапарварӣ ва

бутамевагиҳо ва аз соли 2016 то ин ҷониб мудири шуъбаи мазкур шуда кор ва фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Раҳматов Сулаймон Ҳасанович аз муқаддима, 5 боб, 24 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум таҳлили адабиётҳои дохиливу хориҷӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия дар 7 зербоб оид ба пайдоиш ва минтақаҳои парвариш, хусусиятҳои биологӣ, аҳамияти хоҷагӣ, селексия, ба сармо тобоварӣ ва таркиби химиявии хурмои шарқӣ маълумот дар ҳаҷми 35 саҳифа оварда шудааст.

Дар боби дуюм шароит, маводҳо ва методикаҳои гузаронидани таҷрибаҳо, маълумот оид ба минтақаҳои тадқиқот, шароити хоку иқлими водиҳои Ҳисор ва Вахш, инчунин маводҳои тадқиқот, навъу намунаҳои хурмои шарқӣ ва тагпайвандҳои онҳо, ки дар тадқиқот истифода бурда шудааст, дар се зербоб дар ҳаҷми 18 саҳифа дарҷ шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ дарҷ шудааст: интихоби тагпайванд ба рушд ва афзоиши навъҳои хурмои шарқӣ, яъне таъсири тагпайванд ба муғчаҳои пайвандшуда ба афзоиш ва ҳосилнокии онҳо, инчунин гузариши фазаҳои фенологӣ, нишондодҳои биометрӣ ва ба сармо тобоварии навъҳои хурмои шарқӣ, дар 7 зербоб дарҷ гардидааст.

Дар боби чорум таъсири омилҳои шароиту иқлим ба сифат, ҳосилнокӣ ва таркиби мева яъне таъсири омилҳо ба рехтани меваи хурмои шарқӣ, ҳосилнокии муқоисавӣ ва сифати меваи навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Вахш ва Ҳисор, баҳогузорӣ ба сифати мева

тибқи чошнигирӣ, усул, тарзи хушккунӣ ва сифати меваи хушки хурмои шарқӣ, таркиби кимиёвии меваи хурмои шарқӣ дар навъҳои омӯзиши, таъсири касалӣ ва зararрасонҳо ба нашъунамо ва ҳосилнокии хурмои шарқӣ ва самаранокии иқтисодии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар водиҳои Ҳисор ва Вахш дар 8 зербоб оварда шудааст, ки аз 60 саҳифа иборат мебошад.

Боби панҷум – баррасии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, руйхати адабиётҳои истифодашуда, интишоорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар ҳаҷми 29 саҳифа оварда шудааст.

Дар диссертатсия натиҷаҳои тадқиқот тибқи вазифаҳои нишондодашуда, аз он ҷумла: омӯзиши тагпайвандҳо, муайян намудани гузариши давраҳои фенологӣ, омӯзиши хусусиятҳои биологии навъу намунаҳо, муайян намудани маҳсулнокӣ ва ҳосилнокӣ, муайян намудани таркиби биокимиёвии меваҳои тар ва маҳсулоти хушки навъҳо, таъсири касалӣ ва зararрасонҳо ба нашъунамо ва ҳосилнокӣ, муайян намудани самаранокии иқтисодӣ, интихоби навъҳои дурнамо ва пешниҳод намудан ба комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби навъу намунаҳои хурмои шарқӣ аз рӯи аломатҳои биологӣ барои селексия иҷро шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ, методӣ ва таҳлили мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 13 мақолаҳои илмӣ аз он ҷумла 8- тоаш дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр гардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи "Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш" ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои кишоварзӣ,
ходими пешбари шуъбаи мевапарварӣ
ва бутамевагиҳои Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Камолов Н.

“02” 07 соли 2025

Сурға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21а
Телефон: (+992) 221-15-43
E-mail:bogparvar@mail.ru

Имзои Н. Камолов - ро тасдиқ мекунам:
Сармутахассис оид ба кадрҳои
Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон,
деҳаи Болошаҳр, хонаи 18
Телефон: (+992) 937881330
E-mail:

«02» 07 соли 2025